Лоиҳа

Тасдиқ мекунам:
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________Эмомалӣ Раҳмон
«____» октябри соли 2014

Нақшаи чорабиниҳо
оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз натиҷаи мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорон аз 14 октябри соли 2014 бармеояд

| **Банд** | **Номгӯи чорабиниҳо** | **Муҳлати иҷро (моҳ, сол)** | **Иҷрокунандагон** |
|---|---|---|---|
| **1.** | Бо назардошти пешниҳодоти дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон баён гардида такмил ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳои марҳилаи дуюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2020» | Октябр-ноябри 2014 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **2.** | Роҳандозӣ ва тақвияти низоми электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ дар мақомоти иҷозатдиҳанда. | 2015-2016 | Мақомоти иҷозатдиҳанда |
| **3.** | Дар заминаи ислоҳоти иҷозатдиҳӣ гузаронидани ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ. | 2015-2018 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷозатномадиҳанда |
| **4.** | Идомаи ислоҳот дар самти мукаммалгардонии низоми андозбандӣ, аз ҷумла ба таври васеъ ба роҳ мондани низоми электронии андозсупорӣ. | Доимӣ | Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи андоз |
| **5.** | Бо тартиби муқаррааргардида ворид намудани Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба низоми «Равзанаи ягона» барои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ. | 2014-2015 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар ҳамкорӣ бо Кумитаи андоз ва Агентии омор |
| **6.** | Ба роҳ мондани татбиқи пурраи низоми «Равзанаи ягона» барои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ ва пешниҳоди ахборот ба Шӯрои машваратии назди Президегнти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ. | 2014 - 2015 | Кумитаи андоз |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **7.** | Гузаронидани мониторинги ҷараёни қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва аз натиҷаи он пешниҳод намудани таклифҳои мушаххас ҷиҳати такмил додани қонунгузорӣ дар ин самт. | 2014-2015 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз ва мақомоти дахлдор |
| **8.** | Андешидани чораҳои зарурӣ ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани гузориш вобаста ба боз ҳам содда ва беҳтар намудани татбиқи Кодекси андоз ва бартараф намудани камбудию норасоиҳои ҷойдошта оид ба:<br>- таҳия ва қабули санадҳои дохилиидоравии расмиёти андозбандии соҳибкорон аз ҷониби мақомоти андоз;<br>- қабули ҳисоботи андоз аз субъектҳои хоҷагидор ;<br>- пешпардохти маблағҳои андозӣ;<br>-душвориҳои баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда. | 2014-2015 | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз ва дигар вазорату идораҳо |
| **9.** | Ба андозбандӣ фаро гирифтани шахсони бе қайди давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда ва дар ин замина зиёд намудани манбаҳои андозбандӣ. | 2014-2016 | Вазорати молия, Кумитаи андоз |
| **10.** | Муқаррар намудани меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда барои муассисаҳои таълимӣ. | 2014-2015 | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Кумитаи андоз |
| **11.** | Омӯзиши сабабҳои аслӣ аз ҷониби соҳибкорон пинҳон кардани маблағҳои андоз, пешгирӣ кардани | 2014-2015 | Вазорати молия, Кумитаи андоз |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ ва пешниҳоди хулосаи мушаххас ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. | | |
| **12.** | Таҷдиди назар намудани муқаррарот оид ба истифодаи ҷаримаҳои гарони андозӣ аз ҷониби мақомоти андоз. | 2014-2015 | Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, адлия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар вазорату идораҳо |
| **13.** | Гузаронидани таҳлилҳо оид ба меъёри маблағи патент барои соҳибкорони инфиродие, ки ба намудҳои камдаромад фаъолият машғул мебошанд ва дар натиҷаи он такмил додани тартиби андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки бо патент фаъолият мекунанд. | 2014-2015 | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи андоз |
| **14.** | Ба роҳ мондани хизматрасониҳои суғуртаи ҳатмӣ аз ҷониби ширкатҳои хусусии суғуртавӣ, ба истисnoи хизматрасониҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва дар ин замина васеъ намудани доираи фаъолияти ширкатҳое, ки ба хизматрасониҳои суғуртаи ҳатмӣ машғул мебошанд. | 2014-2015 | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо |
| **15.** | Мавриди омӯзиш қарор додани фаъолияти корхонаҳои воҳиди давлатӣ, ба роҳ мондани сиёсати мунтазам кам кардани шумора ва бекор намудани ваколатҳои танзимкунандаи онҳо, ҳуқуқи онҳо оид ба талаб намудани ҳисобот аз корхонаҳои хусусӣ ва содда гардонии қоидаҳои дастрасӣ ба | 2014-2016 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Хадамоти зиддиинҳисорӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | хизматрасониҳои КВД. | | |
| **16.** | Ҷалби ширкатҳои бонуфузи ҷаҳонии рейтингӣ барои гирифтани рейтинги мустақили кредитии кишвар ва дар ин замина паст намудани фоизи қарзҳои бонкӣ. | 2014 | Бонки миллӣ |
| **17.** | Ҷорӣ намудани шаклҳои муосир ва инноватсионии маҳсулоти қарзӣ бо назардошти мукаммал намудани ҷанбаҳои асосии маҳсулоти қарзии амалкунанда, таҳияи маҳсулоти қарзии махсуси соҳавӣ, паҳн кардани микролизинг ва ба таври васеъ бароҳмонии низоми бонкдории исломӣ. | 2014-2015 | Бонки миллӣ, вазорату идораҳо |
| **18.** | Таҳлили ҳамаҷонибаи роҳҳои бозории пешниҳоди маблағгузории дарозмуддат бо шартҳои мусоид ҷиҳати дастгирии соҳаҳои истеҳсолӣ ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани таклифҳои мушаххас. | 2014-2015 | Бонки миллӣ |
| **19.** | Андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати истифодаи васеъи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор. | 2014-2015 | Бонки миллӣ |
| **20.** | Ба роҳ мондани усулҳои муосири баҳисобгирии оморӣ оид ба саҳми бахши хусусӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, воридоти маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳо, сармояи хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим ва мукаммал намудани омори соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва пешниҳоди таклифҳои мушаххас ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. | 2014-2015 | Агентии омор, вазорату идораҳои дахлдор |
| **21.** | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ ҷиҳати эътироф кардани санҷишҳои | 2014-2015 | Вазорати адлия |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | сохторҳои як мақомот аз ҷониби сохторҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявии онҳо ва роҳ надодан ба санҷишҳои такрорӣ аз ҷониби мақомоти назоративу санҷишӣ, инчунин ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани масъулини мақомоти санҷишӣ. | | |
| **22.** | Таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати баланд бардоштани масъулияти мақомоти санҷишӣ оид ба кам кардани ҳуқуқвайронкуниҳо. | 2014-2015 | Вазорати адлия ва мақомоти санҷишӣ |
| **23.** | Муайян намудани муҳлати амали лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор” аз 1 январи соли 2016 ва қабули сандҳои зерқонунии дахлдор дар соли 2015. | 2014-2015 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти санҷишӣ |
| **24.** | Ба омӯзиш фаро гирифтани ҳамаи масъулини мақомоти санҷишӣ ва назоратӣ оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабулгардида дар соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор. | 2015-2016 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералӣ, мақомоти санҷишӣ, Котиботи Шӯрои машваратӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд |
| **25.** | Ҳарчи зудтар ба роҳ мондани низоми “Равзанаи ягона” барои бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва аз натиҷаи он пешниҳоди мушаххас ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. | 2014-2015 | Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Вазорати адлия, КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” |
| **26.** | Таҳия ва тасдиқи тартиби эътирофи ҳуҷҷатҳои баҳодиҳии мутобиқати маҳсулоти дар хориҷа истеҳсолшуда ва мунтазам андешидани тадбирҳо | 2014-2015 | Агентии “Тоҷикистандарт”, вазорату идораҳо |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ҷиҳати ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии назорати сифат дар корхонаҳои ватанӣ. | | |
| **27.** | Амалӣ намудани чораҳо ҷиҳати муҳайё намудани шароити зарурӣ барои истеҳсолкунандагон ва содироткунандагони ватанӣ пеш аз ҳама барои бахши хусусӣ, аз ҷумла бо роҳи ташкил ва таҷдиди инфрасохтори логистикӣ, шоҳроҳҳо ва пулҳо, тақвияти ҳамкориҳои бахши хусусӣ бо шарикони тиҷоратии боэътимоди хориҷӣ ва ҳавасмандгардонии содироткунандагони маҳсулоти ниҳоӣ. | 2014-2015 | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, нақлиёт, кишоварзӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Хадамоти зиддиинҳисорӣ |
| **28.** | Андешидани чораҳои зарурӣ барои ба таври назаррас зиёд кардани саҳми соҳаҳои коркард дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, муҳайё намудани шароити мусоид ҷиҳати фаъолияти боз ҳам беҳтари бахши хусусӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои коркард ва сохтмон, дастгирии ташабусҳои соҳибкорон дар сатҳҳои марказӣ ва маҳаллӣ ва аз натиҷа ҳарсола пешниҳод намудани маълумоти муфассал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. | 2014-2015 | Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо |
| **29.** | Дар таҳрири нав таҳия намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” ва дар асоси он ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда вобаста ба талаботи замони муосир ва уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва пешниҳоди он ба Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ. | 2015-2016 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳо |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **30.** | Тақвият бахшидани механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ба таври васеъ амалӣ намудани лоиҳаҳо дар ин самт. | Доимӣ | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва дигар вазорату идораҳо |
| **31.** | Ташкили рейтинги миллии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. | 2014-2015 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Котиботи Шӯрои машваратӣ |
| **32.** | Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рӯзҳои ид” ҷиҳати муқаррар намудани 14 октябр ҳамчун рӯзи соҳибкорон. | 2014 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| **Номгӯи чорабиниҳое, ки аз ҷараёни гуфтугӯи озод байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳибкорон бармеоянд** | | | |
| **33.** | Ҷудо намудани қитъаи замин ба соҳибкор аз шаҳри Кӯлоб ҷиҳати васеъ намудани ҳавзи моҳипарварӣ, мусоидат барои ҷудо намудани қарзи имтиёзнок ҷиҳати хариди техника. | 2014-2015 | Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Тоҷиксодиротбонк, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб |
| **34.** | Мавриди омӯзиш қарор додани пешниҳоди ҶДММ “Риел-Д” нисбати то се моҳ пардохт накардани фоизи қарзҳои аз ҷониби МД “Фонди дастгирии соҳибкорӣ” пешниҳодшаванда. | 2014-2015 | Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, МД “Фонди дастгирии соҳибкорӣ” |
| **35.** | Омӯзиши лоиҳаи инноватсионӣ оид ба рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезишуда ва имконияти ташкили мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ. | 2014-2015 | Вазоратҳои адлия, кишоварзӣ, воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | давлатӣ |
| **36.** | Омӯзиши масъалаи таъсиси корхонаҳои коркарди меваю сабзавот дар минтақаи Даштиҷуми ноҳияи Муминобод аз ҳисоби маблағҳои қарзии МД "Фонди дастгирии соҳибкорӣ". | 2014-2015 | Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, МД "Фонди дастгирии соҳибкорӣ" |
| **37.** | Озод намудани воридоти тамоми навъҳои технология ва таҷҳизоти истеҳсолӣ, техника, таҷҳизот, дастгоҳҳо, қисмҳои такмилии онҳо, қисмҳои эҳтиётии онҳо ва технологияҳо аз ААИ ва боҷҳои гумрукӣ. | 2014 | Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук |
| **38.** | Омӯзиши масъалаи ислоҳоти соҳаи заргарӣ ва коркарди сангҳо ва металҳои қиматбаҳо ва нимқимат. | 2015-2016 | Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, молия, Саридораи геология, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| **39.** | Омӯхта баромадани лоиҳаи тиҷоратии ҶДММ "Ориё Колхозобод". | 2014-2015 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| **40.** | Омухтани имконияти таҷдид намудани уҳдадориҳои молиявии ҶСК "Корхонаи ресандагии Қурғонтеппа" дар назди Тоҷиксодиротбонк. | 2014-2015 | ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" |
| **41.** | Омӯзиши масъалаи воридоти технологияҳои истеҳсоли маснуоти заргарии ҶДММ "Майрамбибӣ" аз ҳисоби маблағҳои қарзии МД "Фонди дастгирии соҳибкорӣ". | 2014-2015 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, МД "Фонди дастгирии соҳибкорӣ" |
| **42.** | Омӯзиши пешниҳод оид ба ташкили озмун ҷиҳати интихоби лоиҳаҳои беҳтарин барои маблағгузорӣ аз ҳисоби МД "Фонди дастгирии соҳибкорӣ". | 2015-2016 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, МД "Фонди дастгирии соҳибкорӣ" |
| **43.** | Ташкил намудани консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ ҷиҳати судури раводид ба Ҷумҳурии | 2014-2015 | Вазорати корҳои хориҷӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Халқии Хитой. | | |
| **44.** | Сохтмони сехи дузандагӣ дар ноҳияи Дарвоз барои 300 нафар. | 2015 | Соҳибкорон: Кабиров Шералӣ, Шарипов Файзулло |
| **45.** | Ҷудо намудани қитъаи замин барои васеъ намудани маркази ташхисию табобатӣ дар ноҳияи Ғончӣ. | 2014-2015 | Кумитаи идораи замин ва геодезӣ, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ғончӣ |
| **46.** | Омӯзиши масъалаи таъсиси бозори наздисарҳадии “Лахш” дар ноҳияи Ҷиргатол. | 2014-2015 | Вазорати рушди иқтисод ва савдо, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷиргатол |
| **47.** | Омӯзиши пешниҳод оид ба эълон намудани соли 2015 ҳамчун соли дӯстӣ байни Тоҷикистон ва Башқирдистон, инчунин дар доираи ҷаласаи навбатии Шӯрои Сарони Давлатҳои Созмони Ҳамкории Шанхай ташкил намудани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамватанони бурунмарзии муқими Ҷумҳурии Башқирдистони Федератсияи Россия. | 2015 | Вазорати корҳои хориҷӣ |
| **48.** | Мусоидат барои пешниҳоди дастоварди роҳбари Хоҷагии деҳқонии “Занбурпарварӣ”-Сайфуллоева Надежда ба Китоби “Рекордҳои Гинес”. | 2014 | Вазорати кишоварзӣ |
| **49.** | Омӯзиши масъалаи пешниҳоди имтиёзҳо, аз ҷумла бо фоизи паст додани қарз ба соҳибкороне, ки солҳои тӯлонӣ аз бонкҳо қарз мегиранд, инчунин ҷудо намудани маблағҳои имтиёзнок барои харидорӣ намудани 1200-1500 тонна тухмиҳои хушсифат барои соҳибкорони ноҳияи Муминобод. | 2015 | БДА “Амонатбонк”, Бонкҳои тиҷоратӣ |
| **50.** | Ташкили бизнес-инкубатор дар шаҳри Хоруғ. | 2015 | Мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **51.** | Омӯзиши имконияти таъсис додани консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Самараи Федератсияи Россия. | 2015 | Вазорати корҳои хориҷӣ |
| **52.** | Омӯзиши масъалаи ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтани боғчаи бачагонаи хусусӣ барои 150 кудак дар шаҳри Истаравшан. | 2015 | Кумитаи идораи замин ва геодезӣ |
| **53.** | Ҷойгир кардани маълумоти оморӣ оид ба ҳаҷми молу маҳсулоти аз хориҷа воридшаванда ва дигар иттилооти муфид дар сомонаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Хадамоти гумрук. | Мунтазам | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Хадамоти гумрук |
| **Номгӯи чорабиниҳое, ки аз натиҷаи воҳӯрии роҳбарони вазорату идораҳо бо соҳибкорон дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бармеоянд** | | | |
| **54.** | Таҷдиди назар намудани низоми андози иҷтимоӣ барои хоҷагиҳои кишоварзӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ. | 2015 | Вазоратҳои молия, кишоварзӣ, Кумитаи андоз |
| **55** | Таҳияи тафсири Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забони содда ва оммафаҳм. | 2014-2015 | Вазорати молия, Кумитаи андоз |
| **56.** | Омӯхта баромадани масъалаи аз андоз ба мӯҳлати муайян озод намудани корхонаҳои истеҳсолӣ дар давраи аввали фаъолият. | 2015 | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи андоз |
| **57.** | Омӯзиши масъалаи озод намудани воридоти баъзе навъҳои захрхимикатҳо, нӯриҳои минералӣ, нӯриҳои фосфорӣ аз АИИ. | 2015 | Вазоратҳои молия, кишоварзӣ, Кумитаи андоз |
| **58.** | Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати содда намудани дастрасии соҳибкорон ба қувваи барқ. | 2014-2015 | Вазоратҳои энертегика ва захираҳои об, саноат ва технологияҳои нав |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **59.** | Таҷдиди назар намудани низоми баҳогузории арзиши амволи гарав. | 2014-2015 | Бонки миллӣ, БДА “Амонатбонк”, бонкҳои тиҷоратӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| **60.** | Тақвият бахшидани татбиқи қонунгузории гарави амволи манқул, ипотека, лизинги молиявӣ ва бонкдории исломӣ. | 2014-2015 | Бонки миллӣ, БДА “Амонатбонк”, бонкҳои тиҷоратӣ |
| **61.** | Пешниҳоди ҳисобот оид ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳои мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. | Ҳар се моҳа | Вазорату идораҳо |

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ
ва идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон